**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН**

**БАХШИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ВА РУШДИ КАСБИЯТИ РАЁСАТИ ТАЪЛИМ**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ
барои ихтисоси 1-25010401- молия
(таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ)

**ДУШАНБЕ-2022**

ББК 65.9 (2) 301
М-65
С-50
УДК: 37.091.214.(073)

Бо қарори Шӯрои илмӣ - методии Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон суратмаҷлиси № 7/4.20 аз «23» 02 соли 2022 ба чоп тавсия карда шудааст.

**Муқарризон:** мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Шукуров С.;**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Содиқов Р.**

**Давлатов Х.М., ХоҷахоновА.А., Азизқулов Б.Ҷ.**
Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ//Дар зери таҳрири умумии дотсент Оймаҳмадов Г.Н. - Душанбе: ДДМИТ, 2022. - 36 саҳ.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ ҷузъи асосии раванди таълим ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи молия ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ малакаи назариявии андухтаи худро ба низом даровварда, роҳҳои дар амал татбиқ намудани онҳоро мустаҳкам месозад ва қобилиятнокии хешро дар самти қабули қарорҳо дар соҳаи молия сайқал медиҳад.
Мақсади асосии таҷрибаомӯзӣ мукаммал гардонидани донишҳои назариявии андӯхта бо амалия, баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, сайқал додани малака, маҳорат ва истеъдоди касбии бакалавр, мутахассис буда, татбиқи ҳадафнок ва пурраи он барои алоқаманд намудани донишҳои назариявӣ бо амалия ва андухтани таҷрибаи истеҳсолӣ мебошад.

Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷӯёне, ки ихтисоси 1-25010401 молияро хатм менамоянд дар доираи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии низоми маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ созмон дода шудааст. Барномаи мазкур дар мувофиқа бо талаботҳои ба тахассуси молия пешниҳодшаванда омода шудааст ва дар асоси Стандарти давлатии таълимии таълимоти олии касбии ҶТ тартиб дода шудааст.

Мундарича

Пешгуфтор ………………………………………………………….. 4

1. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ ………………………………………………………………… 7

2. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ ……………………………… 8

3. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ …………………….. 13

4. Барномаи таҷрибаомӯзӣ …………………………………………... 13

4.1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш ……… 14

4.2. Мундаричаи таҷрибаомӯзӣ …………………………………….. 14

5. Барасмиятдарорӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ………… 22

Замимаҳо …………………………………………………………….. 26

## Пешгуфтор

Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ (минбаъд-дастури методӣ) қисми таркибии раванди таълимӣ - тарбиявӣ буда, яке аз дастурҳои муҳимтарин дар раванди тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи молия маҳсуб меёбад.

Дастури методӣ дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ таҳия гардида, тартиби ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ), истеҳсолӣ ва пешаздипломиро ба танзим медарорад.

Инчунин, асоси ҳуқуқӣ барои ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисоси 1-25010401 -молия, ки бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ мегардад, маҳсуб меёбад.

Таҷрибаомӯзии донишҷӯён мутобиқи нақшаи таълимии амалкунанда, барномаи таҷрибаомӯзӣ ва супоришҳои инфиродӣ ташкил карда мешавад.

Дастури методӣ бо назардошти талаботе таҳия карда шудааст, ки нисбат ба омодасозии мутахассисони ихтисоси дар боло зикргардида пешниҳод мегарданд ва аз фаслҳои зерин иборат аст:

- мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомузӣ;
- тартиби гузаштани таҷрибаомӯзӣ;
- роҳбарии таҷрибаомӯзӣ;
- мундариҷа ва мӯҳлатҳои иҷрои супоришҳои инфиродӣ;
- талабот нисбат ба ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, тартиби таҳия ва мӯҳлати дифоъ намудани он.

Дастури методӣ барои донишҷӯёни курсҳои 2-юм, 3-юм ва 4-уми ихтисоси 1-25010401 -молия таҳсили рӯзона ва фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст ва аз ҷониби комиссияи таълимию методии Шӯрои илмӣ – методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Таҷрибаомӯзӣ дар давраи таҳсил бо мақсади амиқтар омӯхтани фанҳои ҷудогонаи махсус ва тахассусӣ дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ ташкил карда мешавад.

Таҷрибаомӯзӣ ҷузъи ҳатмии нақшаи таълимӣ буда, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати ташкили он масъул мебошанд. Таҷрибаомӯзӣ чунин бояд ташкил карда шавад, ки донишҷӯ имконияти истифодаи малакаи

гирифтаашро ҳангоми навиштани рисолаи хатм дошта бошад. Агар донишҷӯ таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо кор дар яке аз соҳаҳои хоҷагии халқ якҷоя пеш барад, пас муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад гузаштани таҷрибаро дар ҷои кори донишҷӯ иҷозат диҳад, ба шарте ки хислати кори аз тарафи донишҷӯ иҷрокардашаванда ба соҳаи тахассусе, ки аз рӯи он вай дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунад, мувофиқ бошад.

Гузаштани таҷрибаомӯзӣ барои донишҷӯён бояд мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи таҷрибаомӯзии аз тарафи донишгоҳ тасдиқкардашуда сурат гирад ва бо пешниҳод намудани ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзию ҳимояи он анҷом пазирад.

Мутобиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушоварои Вазорати маориф ва илм аз 28.08.2014 таҳти №18/10 тасдиқ шудааст, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзӣ дар шаклҳои асосии ба тариқи зайл муқарраркардашуда ташкил ва гузаронида мешаванд:

-таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ);

-таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ;

-таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.

**Таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ)** корҳои таълимиеро дар бар гирифтааст, ки ҳангоми ташкил ва гузаронидани онҳо донишҷӯён маълумоти аввалинро дар бораи хусусиятҳои фаъолияти касбии самт (ихтисос)-и интихобкардаи худ ба даст меоранд. Ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар курси 2-юм аз 29 июн то 12 июли соли таҳсил гузаронида мешавад.

Вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ) дар муайян намудани асосҳои фаъолияти касби оянда ва баланд бардоштани маҳорат ва малакаи аввалини тахассусии донишҷӯ ифода мегардад. Он аз намудҳои таҷрибаомӯзии экскурсионӣ, шиносоӣ, таҳлилӣ иборат буда, аз рӯи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуда, дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ, дар назди кафедраи тахассусӣ гузаронида мешавад.

Манбаи ташаккул додани малакаҳои касбӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад азбар намудани барномаҳои гуногун ва иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои амалӣ, аз қабили системаи тренингӣ, бозиҳои расмии касбӣ, озмоишӣ ва барномаҳои компютерӣ ба шумор равад.

**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ** аз рӯи самт (ихтисос) бо мақсади мустаҳкам намудани донишҳои назариявии донишҷӯён, аз рӯи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ, ҷамъоварии маводи таълимӣ барои навиштани корҳои курсӣ

гузаронида мешавад. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ гузаронида мешавад. Ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар курси 3-юм аз 19 июн то 12 июли соли таҳсил гузаронида мешавад.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ метавонад дар назди кафедраҳои тахассусӣ ва ё муассисаҳои ба он марбут гузаронида шаванд. Гурӯҳи таълимӣ ба зергурӯҳҳо ҷудо карда шуда, мақсади он муайян карда мешавад. Бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронидани ин шакли таҷрибаомӯзӣ дар муддати ҳафтаҳои таълими назариявӣ иҷозат дода мешавад. Дар чунин мавридҳо муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ барои нигоҳ доштани давомнокии он мувофиқи нақшаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

**Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ** дар курси 4-ум гузаронида мешавад. Давомнокии он барои донишҷӯёни курси 4-уми шуъбаи рӯзона ва курси 3-и маълумоти 2-юм аз 13 апрел то 24 майи соли таҳсил, барои донишҷӯёни курси 4-уми таҳсилоти фосилавӣ аз 14 апрел то 10 майи соли таҳсил муайян карда шудааст. Вазифаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ аз рӯи талаботи барномаи таълимии самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси пурра азхудкунӣ ва такмил додани дониш, азбар намудани роҳу усулҳои ҷамъоварӣ намудани натиҷаҳо ва далелҳо оид ба мавзӯи кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис) ва ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ аз ҷониби днишҷӯён муайян карда мешавад. Донишҷӯёне, ки дар асоси барномаи мақсаднок ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) қабул шуда, таълим гирифта истодаанд, таҷрибаомӯзиҳои худро дар муассиса ва ташкилотҳое мегузаронанд, ки агар муссисаи таълимӣ бо онҳо шартномаи тарафайн ба имзо расонида бошад. Иваз кардани ҷои таҷрибаомӯзӣ танҳо бо розигии расмии ҳамин гуна муассиса ё ташкилот ба роҳ монда мешавад.

Донишҷӯён дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ метавонанд аз рӯи самт (ихтисос)-е, ки таҳсил намуда истодаанд, дар муассисаҳои истеҳсолӣ, таълимӣ ба ҷойҳои холӣ ба кор қабул шаванд. Ба муассисае, ки дар он таҷрибаомӯзии пешаздипломии худро мегузаранд, бояд бо мавзуи тасдиққардашудаи рисолаи хатм (ё рисолаи дипломӣ) сафарбар карда шаванд.

## 1. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ

Мақсади ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз ташаккул додани маҳорати касбии донишҷӯён дар асоси омӯзиши таҷрибаи фаъолияти муассиса, мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва амалии дар давоми таҳсил гирифтаи донишҷӯ, инчунин, ҷамъоварӣ ва коркарди мавод барои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани рисолаи хатм ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои муҳимтарини таҷрибаомӯзӣ ба даст овардани қобилияти касбии ихтисоси 1-25010401 -молия ба ҳайси коромӯз дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ (минбаъд – объекти таҷрибаомӯзӣ) мебошанд, ки бо роҳҳои зерин амалӣ мешавад:

- омӯзиши вазифаҳо ва сохтори объекти таҷрибаомӯзӣ;
- омӯзиши принсипи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ;
- дида баромадани вазифаҳои объекти таҷрибаомӯзӣ, аз ҷумла дар самтҳои илмию таҳқиқотӣ, банақшагирии стратегӣ, таҳлилӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;
- омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ;
- таҳлили муқоисавии сохторҳо ва зерсохторҳо аз нуктаи назари вазифа ва ухдадориҳо;
- иштирок дар гузаронидани амалиётҳои соҳавӣ, чорабиниҳо, семинарҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба объекти таҷрибаомӯзӣ дахл доранд;
- омӯзиши тарзи истифодаи малакаи назариявӣ дар таҷриба (алоқаи назария бо амалия).

Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маводи зарурӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад:

- омӯзиши ҳуҷҷатҳои асосии воҳидҳои сохтории дахлдор;
- дида баромадан ва шинос шудан бо асосҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, дустурамалҳо ва низомномаҳо, ки ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа алоқамандöанд ё асоси фаъолият мебошанд;
- дида баромадани ҳисоботи даврагӣ (семоҳа, нимсола, солона) оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ;
- ҷамъоварӣ намудани маводи оморӣ оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа;
- шинос шудан бо тарзу усули коркард ва истифодаи таҷрибавии маълумотҳои оморӣ;

- омӯзиш ва ҷамъоварии мавод барои навиштани рисолаи хатм (дар ҳолати ҷойи таҷрибаомӯзӣ ба мавзуъ мувофиқ омадан бо супориши роҳбари рисолаи хатм);

- гирифтани ҳуҷҷатҳои намунавӣ, нусхаи ҳуҷҷатҳо ва ё ҳисобот (дар ҳолати махфӣ набудан) барои таҳлил ва навиштани ҳисобот ё рисолаи хатм.

- ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳое, ки барои иҷрои супориши инфиродӣ заруранд;

- омодасозии мавод барои маърӯзаву иттилоъ дар конференсияҳои илмии донишҷӯён.

## 2. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ

Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ банақшагирӣ ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

-муайян кардан ва интихоби макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-бастани шартномаҳои тарафайн бо корхона, муассиса ё ташкилот;

-интихоби роҳбарон аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот (дар асоси мувофиқаи қаблӣ бо онҳо) ва интишори фармоиши ректор;

-муайян намудани мавзӯъ, мақсад, вазифа ва супоришҳои инфиродӣ, таъмин намудани донишҷӯён бо барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ);

-сафарбар кардани донишҷӯён ба макони таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра ва факултет.

Ҳуҷҷатҳои ташкилию методии асосӣ - ба тартиб даровардани фаъолияти донишҷӯён ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот, барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ мебошад.

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ дар мувофиқа бо масъули корхона, муассиса ё ташкилот, мураттаб сохта мешавад. Саволҳои аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тайёркардашуда ба барнома дар мувофиқа бо кафедра дохил карда мешаванд.

Барномаҳои таҷрибаомӯзиро роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва комиссияи махсуси методии муассисаи таълимӣ дида мебароянд ва онҳо аз тарафи муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешаванд.

Роҳбарии таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи фаъолияти гумрукӣ амалӣ гардонида мешавад. Кафедра аз ҳайати омӯзгорони таҷрибанок роҳбарони таҷрибаомӯзиро бо фармоиши ректори донишгоҳ таъйин менамояд.

Масалан, Фармоиши ректори ДДМИТ «Оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён» чунин интишор мешавад.

*Мутобиқи банди 63-юми «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бандҳои 106 ва 109-и «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 2.3.-и «Низомнома доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни ДДМИТ»,*

***фармоиш медиҳам:***

***1.*** *Донишҷӯёни курси 4-уми шуъбаи рузонаи факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ихтисоси 1-25010401 – молия барои гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз 29.06.2022 то 12.07.2022 ба муассисаҳои зерин фиристода шаванд:*

| *№* | ***Ному насаби донишҷӯ*** | ***Ҷои гузаштани таҷрибаомӯзӣ*** | ***Роҳбари таҷрибаомӯзӣ*** |
|---|---|---|---|
| *1.* | *Иззатов Бахтовар Бахтиёрович* | *Раёсати молия дар н.Шаҳритуз* | *дотсент Давлатов Х.М.* |
| *2.* | *Каримов Рустам Занҷирович* | *Раёсати молия дар н.Фирдавсӣ* | *дотсент Оймахмадов Г.Н.* |
| *3.* | *Муқимов Ҷамолиддин Сайфиддинович* | *Вазорати молияи ҶТ* | *дотсент ХоҷахоновА.А.* |

***2.*** *Роҳбари умумии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мудири кафедра Давлатов Х.М. таъйин карда шавад.*

***3.*** *Дар муддати 10 рӯз пас аз анҷоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба садорати факултет ва шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ ҳисобот пешниҳод карда шавад.*

*4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум, муовини ректор оид ба таълим Абдуалимзода Ҳ. А. вогузор карда шавад.*

*Асос: шартномаи ҳамкорӣ ва роҳхат.*

Баъди ба имзо расидани фармоиши ректори донишгоҳ оид ба таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ рӯзнома ва роҳхат дода мешавад, ки одатан аз тарафи мутасаддии кафедра пур карда шуда, тақсим мегардад. Ҳар як роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз супориши мушаххаси инфиродӣ, вобаста ба иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ, рисолаи хатм медиҳад, ки дар рӯзнома дарҷ карда мешавад (Замимаи 1).

Вобаста ба объекти таҷрибаомӯзӣ дар рӯзнома нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзӣ пур карда мешавад, ки аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз объекти таҷрибаомӯзӣ имзо карда мешавад.

Дар давоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ супоришҳои мушаххасро мувофиқи барнома иҷро намуда, дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ ҳамчун таҷрибаомӯз, коромӯз ва ёрдамчӣ ҳисобида шуда метавонад. Дар ҳолатҳои зарурӣ таҷрибаомӯзро ин муассиса метавонад ба яке аз воҳидҳои холӣ муваққатан (дар муддати таҷрибаомӯзӣ) ба кор қабул намоянд.

Вақти кории донишҷӯ-таҷрибаомӯз ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиб даровардa мешавад ва барои донишҷӯёни аз сини 18-сола боло ҳафтае на зиёдтар аз 40 соат, барои донишҷӯёни сини 16-18-сола ҳафтае на зиёдтар аз 35 соатро дар бар мегирад. Вақти кории таҷрибаомӯз вобаста ба реҷа ва тартиби дохилии воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ муайян карда мешавад.

Тағйир додани муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курсҳои алоҳида аз рӯи самт (ихтисос)-ҳо танҳо бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба амал оварда мешавад. Бо сабабҳои узрнок ба дигар вақт гузаронидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ (ба таври инфиродӣ) мувофиқи фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад. Барои дар чунин ҳолат ба имзо расонидани фармоиши ректор ҳамчун асос аризаи донишҷӯ, розигии кафедра, пешниҳоди садорати факултет, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим ва ҳуҷҷатҳои муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзиро тасдиққунанда баромад мекунанд.

Мутасаддии асосии таҷрибаомӯзӣ роҳбари объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисоб меёбад. Роҳбари таҷрибаомӯзиро сардорони воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ, ки донишҷӯ дар он ҷо таҷрибаомӯзӣ мекунад, таъйин менамояд.

*Роҳбари умумии таҷрибаомӯзӣ аз кафедра мудири кафедра* буда, раванди таҷрибаомӯзиро назорат мекунад ва корҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

- бо объектҳои таҷрибаомӯзӣ пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ робита пайдо менамояд;

- лоиҳаи фармоиши ректори донишгоҳро оид ба таҷрибаомӯзӣ вобаста ба нақшаи таълим таҳия менамояд, ки дар он ба ҳар як донишҷӯ объект ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ вобаста карда мешавад;

- баъди анҷоми сессияи санҷишию имтиҳонӣ бо гурӯҳҳои академӣ оид ба тарзи гузаштани таҷрибаомӯзӣ маҷлис мегузаронад ва роҳбарони таҷрибаомӯзиро муаррифӣ менамояд;

- дар якҷоягӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ раванди таҷрибаомӯзиро таҳти назорати қатъӣ мегирад;

- пас аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ қабул ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзиро ташкил мекунад.

*Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ* ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва илмӣ, таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҳалли дигар масъалаҳо кумаки илмӣ-методӣ мерасонад.

Гузаронидани чорабиниҳоро дар самтҳои зерин таъмин менамояд:

- ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар давоми таҷрибаомӯзӣ, вобаста ба нақшаи таълимӣ ва самти таҳқиқотии кафедра, супориши мушаххас медиҳад;

- сифати гузаронидани таҷрибаомӯзиро назорат мебарад ва мувофиқ будани онро ба барномаи мазкур ва барномаҳои таълимии фанҳои тадрисшавандаи кафедра таъмин менамояд;

- оид ба таъмини шароитҳои мусоиди корӣ дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ ва шинос шудани донишҷӯ - таҷрибаомӯз ба шартҳои бехатарии меҳнат ва реҷаи корӣ назорат мебарад;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро аз назар гузаронида, хулосаи мусбӣ ё манфии худро медиҳад ва дар ҳолати ба талабот ҷавобгӯ будани ҳисобот ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ барои дифоъ намудан дар назди комиссия иҷозат медиҳад;

- дар кори комиссияи қабули ҳисобот иштирок менамояд;

- ба мудири кафедра оид ба беҳтар намудани таҷрибаомӯзии донишҷӯён хулосаву пешниҳодоти худро дар шакли ҳисобот пешниҳод мекунад.

*Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объектҳои таҷрибаомӯзӣ* (дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ:

- раванди таҷрибаомӯзиро мувофиқи барномаи мазкур, супориши мушаххас ва нақшаи тақвимӣ таъмин менамояд;

- оид ба қоидаҳои бехатарии меҳнат, реҷаи корӣ, хусусиятҳои махфияти иттилоот, сирри корхона ва дигар паҳлуҳои фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ машварат медиҳад;

- донишҷӯ(ён) - таҷрибаомӯз(он) - ро бо таърихи объекти таҷрибаомӯзӣ, оиннома, низомнома, самти асосии фаъолият, сохтор, шуъбаҳо, вазифаҳо, раванди технологӣ, илмию тадқиқотӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва дигар самтҳо шинос менамояд ё барои омӯхтани онҳо мусоидат мекунад;

- донишҷӯ-таҷрибаомӯзро бо фаъолияти амалии объекти таҷрибаомӯзӣ шинос намуда, бо маводи зарурӣ онҳоро таъмин менамояд;

- интизоми донишҷӯ-таҷрибаомӯзро назорат менамояд ва дар ҳолатҳои аз тарафи таҷрибаомӯз вайрон кардани интизом ба донишгоҳ сари вақт хабар медиҳад;

- сари вақт пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани ҳисоботро назорат мебарад ва ба таҷрибаомӯз тавсифнома медиҳад.

*Донишҷӯ - таҷрибаомӯз уҳдадор аст*:

- дар ҳолатҳои дар гурухи шарномавӣ таҳсил намудан ва объекти таҷрибаомӯзиаш муайян будан ба мудири кафедра то таҳияи лоиҳаи фармоиши таҷрибаомӯзӣ хабар диҳад;

- роҳхат, рӯзнома ва барномаи таҷрибаомӯзиро бо супориши мушаххас сари вақт аз кафедра гирад;

- сари вақт, мувофиқи муҳлати дар рӯзнома дарҷёфта, ба воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ равад ва худро ба қайд гирад;

- бо реҷаи корӣ, интизоми меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ ва тартиботи дохилии объекти таҷрибаомӯзӣ шинос шуда, онҳоро пурра риоя намояд;

- супоришҳои алоҳидаи роҳбари таҷрибаомӯзиро дар объекти таҷрибаомӯзӣ иҷро намояд, ки бо супоришҳои мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва барнома мувофиқ ҳастанд;

- дар ҳолати гузаштани таҷрибаомӯзӣ агар ягон монеа ба вуҷуд ояд, ҳатман ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ё мудири кафедра хабар диҳад;

- ҳар рӯз мазмуни мухтасари кори иҷрошударо дар рӯзнома қайд намуда, на камтар аз як маротиба дар як ҳафта ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ барои баррасӣ, тағйирот даровардан, имзо ва қайди иҷрои супориш рӯзномаашро пешниҳод намояд;

- дар асоси қайдҳои кардашуда, маводи ҷамъкардашуда, таҳлил ва шиносоӣ бо вазифаҳо ва тарзи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ ва иҷрои супоришҳои мушаххас ҳисоботи таҷрибаомӯзиро навишта, муқовабандӣ намояд;

- баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ рӯзнома ва тавсифномаро бо муҳр ва имзои роҳбари таҷрибаомӯзиро аз объекти таҷрибаомӯзӣ гирифта, ба кафедра дар муҳлатҳои муайяншуда супорад;

- дар ҳолати якчанд нафар сафарбар шудан ба як объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисобот бояд бо ҳисоботи дигар якхела набошад;

- дар ҳолати тақризи манфӣ гирифтан аз роҳбар ё камбудӣ доштани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, хатоҳоро бояд сари вақт ислоҳ намояд;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро бо тартиб ва ҷадвали аз тарафи кафедра муайяншуда, дар назди комиссияи қабули ҳисобот дифоъ намояд;

- дар ҳолати насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар муддати муайяншуда ва ё дифоъ накардани он донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

## 3. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ

Ба ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ дохил мешаванд:

- Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, ки дар он корҳои рӯз ба рӯз баанҷомрасонида дар ҷойи таҷрибаомӯзӣ дарҷ меёбад ва аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ ба имзо расонида мешавад.
- Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ (дар ҳаҷми на кам аз 25 саҳифа ва дар шакли дастнавис).
- Тавсифномаи таҷрибаомӯз, ки аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзи навишта шуда, имзо ва муҳр гузошта шудааст.

## 4. Барномаи таҷрибаомӯзӣ

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш;
2. Мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ.

### 4.1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш

Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.

Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш

| р/т | Номгӯи мавзуъҳо | Мухлати ичроиш |
|---|---|---|
| 1. | Шиносой бо объекти таҷрибаомӯзӣ, ки донишҷӯ ба он ҷо равона карда шудааст | 2 рӯз |
| 2. | Омӯзиши вазифаҳои асосии оинномавии объекти таҷрибаомӯзӣ ва муайян кардани мавқеи он дар соҳа | 4 рӯз |
| 3. | Дида баромадани дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро ба танзим медароранд | 2 рӯз |
| 4. | Омӯзиши самти фаъолият ва вазифаҳои асосии сохторҳои алоҳидаи объекти таҷрибаомӯзӣ вобаста ба самти ихтисос | 5 рӯз |
| 5. | Омӯзиш ва таҳлили тартиби ташкили раванди кор дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ | 8 рӯз* |
| 6. | Таҳлили алоқамандии объекти таҷрибаомӯзӣ бо шаклҳои муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ дар сатҳи микро ва макро | 15 рӯз* |
| 7. | Омӯзиши сиёсат, самаранокии фаъолияти идоракунӣ, стратегия, хусусиятҳои тадқиқот, барномасозӣ ва дигар чорабиниҳо дар самти сиёсати барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ, сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ ва маблағгузории он | 15 рӯз* |
| 8. | Таҳлили ҷараёни иттилоотӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, технологияи коркарди иттилоот оид ба самти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ | 3 рӯз |
| 9. | Таҳлили иттилоот оид ба самти таҳқиқот дар доираи кори хатмкунӣ ва иҷроиши супориши мушаххас | Дар давоми таҷрибао мӯзӣ |
| 10. | Иштироки фаъолона дар чорабиниҳое, ки дар объекти таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад | Дар давоми таҷрибао мӯзӣ |

*** бо дарназардошти рӯзҳои шанбе**

## 4.2. Мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ

Донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар давраи таҷрибаомӯзӣ бояд маводи оморӣ ҷамъоварӣ намояд, онҳоро коркард намуда, барои навиштани ҳисобот ва рисолаи хатм истифода барад. Бо супориши мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ донишҷӯ-таҷрибаомӯз санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалиро оид ба молия ва адабиёти заруриро омӯхта, алоқамандӣ ва усули истифодаи онро дар амал ҳангоми таҷрибаомӯзӣ таҳлил намояд. Дар асоси таҷрибаи муассисаҳо, корхонаҳо, ширкатҳо, ки дар адабиёт оварда шудааст, аз тарафи донишҷӯ-таҷрибаомӯз таҳлили муқоисавӣ гузаронида мешавад.

Дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ маводи таҳлилшуда барои навиштани рисолаи хатм ва ҳисоботи таҷриабаомӯзӣ истифода карда мешаванд.

**Мавзуи 1. Шиносоӣ бо объекти таҷрибаомӯзӣ, ки донишҷӯ ба он ҷо равона карда шудааст**

Дар раванди таҷрибаомӯзӣ бояд масъалаҳои зерин омӯхта шаванд:

Сохтор ва номгӯи объекти таҷрибаомӯзӣ, ки донишҷӯ ба он ҷо равона карда шудааст. Маълумотномаи кӯтоҳи таърихӣ оид ба фаъолияти онҳо. Нақшаи объекти таҷрибаомӯзӣ, ки донишҷӯ ба он ҷо равона карда шудааст, сохтори идоракунӣ ва таркибии онҳо.

Нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии объекти таҷрибаомӯзӣ дар се соли охир ва ё дар давраи таҷрибаомӯзӣ. Шиносоӣ бо нақшаҳои дурнамои объекти таҷрибаомӯзӣ ва усулҳои тарҳрезии онҳо.

**Мавзуи 2. Омӯзиши вазифаҳои асосии объекти таҷрибаомӯзӣ ва муайян кардани мавқеи онҳо дар соҳа**

Вазифаҳои асосии объекти таҷрибаомӯзӣ ва мақсади фаъолияти (ташкили) он. Оиннома, Низомнома, дастурамали фаъолият, ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро ба танзим медароранд.

Мавқеи объекти таҷрибаомӯзӣ дар соҳа. Нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии объекти таҷрибаомӯзӣ. Сарчашмаи молиякунонии объекти таҷрибаомӯзӣ ва истифодаи маблағҳо дар самтҳои фаъолият.

**Мавзӯи 3. Дида баромадани дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро ба танзим медароранд**

Омӯзиши Дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба молия ва фаъолияти молиявӣ. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти молия Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои фаъолияти молиявӣ, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи молия.

**Мавзуи 4. Омӯзиши самти фаъолият ва вазифаҳои асосии сохторҳои алоҳидаи объекти таҷрибаомӯзӣ вобаста ба самти ихтисос**

Вазифаҳои асосии объекти таҷрибаомӯзӣ, ки мувофиқи тақсимот донишҷӯ сафарбар карда шудааст. Хусусиятҳои иҷроиши вазифаҳо аз тарафи объекти таҷрибаомӯзӣ.

**Мавзуи 5. Омӯзиш ва таҳлили тартиби ташкили раванди кор дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ.**

Вазифаҳо ва уҳдадориҳои сардор ва кормандони воҳиди сохторӣ. Принсипи ташкили кор ва ҷараёни фармоишӣ - иҷроишӣ.

Дар ин қисмат донишҷӯ бояд маълумотҳои зеринро сабт намояд: сохтори ташкилии раёсати молия (коркарди нишондиҳандаҳои асосӣ оиди ба банақшагирии даромадҳои андозӣ, боҷу хироҷ ва аз нотариус воридшаванда, маблағҳои ғайридавлатигардонии амволи давлатӣ, дотатсияҳои буҷетӣ ва дигар воридотҳо) ташкилдиҳии пардохтҳои даромадҳои буҷет ва баҳисобгирии онҳо. Инчунин пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба сатҳи ҷамъоварии даромадҳои буҷетӣ, тағйироту иловаҳои ба буҷет ва ҷараёни иҷроиши он воридгардида, аз худ кардани амалияи низоми ягонаи алоқаҳои электронӣ ва интиқоли ҳисоботҳо ба сохторҳои молияи ҶТ. Пур кардани ҳуҷҷатҳои шӯъбаи хазинадорӣ оид ба интиқоли маблағҳо, ба истифодабарандагон дар асоси ҳуҷҷатҳои аз буҷет ба хазинадорӣ пешниҳодшуда, таҳияи ҳисоботи хазинадорӣ оид ба фаъолияти он, хусусияти ташкил ва технологияи раванди алоқаи ягонаи электронӣ байни бахшҳои молия ва алоқаи раёсати молия бо дигар сохторҳои молияи ҶТ. Иҷроиш, нишондиҳандаҳои нақшавӣ, сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, маълумот доир ба шӯъбаи сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, сатҳ ва самаранокии низоми ягонаи алоқаҳои электронӣ дар сохтори молиявии ҶТ.

**Мавзуи 6. Таҳлили алоқамандии объекти таҷрибаомӯзӣ бо шаклҳои муносибатҳои муносибатҳои молиявӣ дар сатҳи микро ва макро.**

Дар ин қисмат масъалаҳои муҳими ташкили маблағҳои буҷетӣ ва сарчашмаҳои асосии онҳо, вобаста ба талаботи ташкилотҳои аз буҷет маблағгузоришаванда, муайян кардани ҳаҷми маблағҳои аз буҷет ба маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт (соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ, сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маориф, нигоҳдории тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) ҷудокардашаванда, таҳия кардани нақшаи воридоти маблағҳо ба буҷет ва банақшагирии хароҷоти он маблағҳо дар ташкилотҳои буҷетӣ ҷой доранд Дар сметаи ташкилотҳои буҷетӣ модда ба модда ба нақша гирифтани хароҷотҳои ташкилотҳои буҷетӣ нишондода мешаавад. Дар он пешбинӣ кардани маблағҳои аз буҷет ҷудокардашаванда ва маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои буҷетӣ нишон дода мешавад. Пур кардани ҳуҷҷатҳои молиявии (банақшагирии талаботҳо ба захираҳои молиявӣ) ташкилотҳои буҷетӣ ва нишон додани ҳаҷми маблағҳои аз буҷет мувофиқи меъёрҳои сарикасӣ

ҷудокардашаванда ва маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои буҷетӣ (мактаб, табобатхонаҳо ва ғайра). Пешниҳоди нақшаи таҳияшуда ба тақсимкунандаи аввалини захираҳои молиявӣ (роҳбарияти ноҳия) ва дигар тақсимкунандагон (шӯъбаи маорифу тандурустӣ). Таҳияи нақшаи умумии хароҷотҳои буҷетӣ дар мақомоти молия.

**Мавзуи 7. Омӯзиши сиёсат, самаранокии фаъолияти идоракунӣ, стратегия, хусусиятҳои тадқиқот, барномасозӣ ва дигар чорабиниҳо дар самти сиёсати барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ, сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ ва маблағгузории он.**

Дар асоси талаботҳои ба мутахассис пешниҳодшаванда таҷрибаомӯз вазифадор аст, ки бо амалияи банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ ва маблағгузории он вобаста ба амалҳои дар зер овардашуда таҷрибаомӯзиро гузаронад:

1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таҳияи буҷети шаҳр ва ноҳия.
2. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳое, ки муносибатҳоро оид ба хароҷотҳои буҷетӣ ба танзим медароранд, гурӯҳбандии буҷетӣ ва дастурамалҳо.
3. Банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ оид ба нигоҳдории сектори ҳокимият ва идораи давлатӣ.
4. Банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ дар соҳаи маориф дар асоси дастурамали Вазорати маориф ва Вазорати молия омодакарда, ки маҳаки онро маблағгузории сарикасӣ дар соҳаи мазкур ташкил медиҳад.
5. Банақшагирии хароҷотҳои буҷети соҳаи тандурустӣ бо бахисобгирии банакшагирии сарикасӣ дар бунгоҳҳои тиббии ҶТ. Пур кардани хуҷҷатҳои баҳисобгирии маблағхои махсус ва истифодаи онхо дар маблаггузории соҳаи тандурустӣ.
6. Банақшагирии хароҷотҳои соҳаи фарҳанг ва тарбияи ҷисмонӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа ва маблағгузории он.
7. Банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ.
8. Дида бароmадани сарчашмаи захираҳои молиявӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оиди пӯшонидани касри буҷети маҳаллӣ.

### Таҷрибаомӯзӣ дар раёсат ва шӯъбаи хазинадории сарраёсат, раёсат ва мақомоти молияи шаҳру ноҳия

Таҷрибаомӯз дар шӯъбаи хазинадорӣ бо амалияи баҳисобгирии воридоти маблағҳо ба буҷет шинос шуда, маблағгузории ғайринақдии хароҷот бо асъори миллӣ, тартиби додани қарз байни буҷетҳо, гардиши маблағҳои хазинавӣ, пулҳои нақд дар хазинаи ташкилотҳои буҷетӣ, тартиби маблағгузорӣ бо пули нақд, тартиби маблағгузории қарзҳои кредиторӣ ва дебитории ташкилотҳои буҷетӣ ва ҳисоботҳо оид ба хароҷоти буҷет ва тарзу усули пур кардани варақаи намунаи имзоҳо ва нусхаи мӯҳр, замимаи дархости ташкилотҳои буҷетӣ, гувоҳнома оид ба ҳисоб кардан

ва пардохти музди меҳнат, пур кардани китоби муҳосибии иқтибосҳои бонкии ҳаррӯза (хароҷот), тарзи пур кардани дархост барои гирифтани пули нақд, тарзи таҳияи ҳисоботи моҳонаи сарбаланди шӯъбаи маблағгузорӣ ва таҳияи ҳисобот оид ба кушодани кредитро (амалан) бояд аз худ намояд.

1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти шӯъбаи хазинадориро ба танзим медароранд;
2. Шиносоӣ бо рафти назорати иҷроиши буҷет аз рӯи даромад ва хароҷот;
3. Шиносоӣ бо низоми гардиши маблағҳои нақди хазинавӣ;
4. Тарз ва усули воридоти тағйирот ба сметаи ташкилотҳои буҷетӣ;
5. Шиносоӣ бо маблағгузории ғайринақдии хароҷотҳо;
6. Шиносоӣ бо тартиби додани қарз байни буҷетҳо;
7. Шиносоӣ бо усули таҳияи нақшаи хазинавии хазинадорӣ;
8. Шиносоӣ бо тартиби маблағгузорӣ бо пули нақд дар хазина;
9. Шиносоӣ бо тартиби маблағгузории қарзҳои кредиторӣ ва дебитории ташкилотҳои буҷетӣ.
10. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрии низоми иттилоотии SGB. NET.

**Донишҷӯй бояд аз худ намояд:**

Шиносоӣ бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳр ва ноҳия дар асоси таркиби соҳибкориҳо ва навъи фаъолияти онҳо дар ноҳия аз рӯи маълумотҳои оморӣ, таҳлил, хулосабарорӣ ва таклифу пешниҳодҳои судманди ба инкишофу пешбурди иқтисодиёт нигаронидашуда, ки ба талаботи иқтисоди бозорӣ мусоидат намояд.

**Шиносоӣ бо тарзи бақайдгирии электронии ҳуҷҷатҳои пулӣ нисбати пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳо ба буҷет**

Шиносоӣ бо тартиби бақайдгирии супорандагони андозҳои давлатӣ ва маҳаллии ноҳия ва таркиби андозҳое, ки онҳо месупоранд.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо ва усули таҳияи даромадҳои буҷетӣ ва пешниҳоди он ба шӯъбаи буҷети давлатӣ.

Шиносоӣ бо компютеркунонии бақайдгирии супорандагони андоз ва назорат оид ба пардохти андозҳо.

Шиносоӣ бо фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади сари вақт ва босифат таҳия намудани барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ.

Шиносоӣ бо бақайдгирии таркиби андозсупорандагони азими ноҳия, ҳисоботҳои онҳо оид ба пардохти андоз ва таҳлили онҳо.

Шиносоӣ бо журнали баҳисобгирии андозсупорандагони воқеӣ, тарзу усули ҳисоби андози амвол ва андози замин ва имтиёзҳои ба онҳо пешниҳодшуда.

Шиносоӣ бо тарзу усули пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳо ба раёсати болоии молия.

Шиносоӣ бо тарзу усули бароҳмонии алоқаи раёсати молия бо Кумитаи андоз ва дигар мақомотҳои интиқолдиҳандаи пардохтҳо ба буҷет (нотариус, суд, прокуратура, РКД, Амонатбонк)

**Таҷрибаомӯзӣ дар раёсат ва шӯъбаи буҷети давлатии сарраёсат ва раёсати молияи шаҳру ноҳия**

1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таҳияи буҷети шаҳру ноҳия.

Шиносоӣ бо фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ барои лоиҳаи буҷети соли дар пеш

истода ва пешниҳоди дархост оид ба пешниҳоди талабот ба маблағҳои пулӣ ба сохторҳои аз буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда.

Шиносоӣ бо рӯйхати аъзоёни гурӯҳи кории байниидоравӣ ва принсипҳои интихоби онҳо, ки дар асоси афзалиятҳои байнисоҳавӣ дар таҳияи барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавӣ иштирок мекунанд.

Ширкат дар баррасии барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавии буҷети маҳал ва тарзу усули пешниҳоди он ба раёсати молияи вилоят.

Иштирок дар таҳияи барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавӣ ва баррасии он дар гурӯҳҳои кории буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди он ба Раёсати молияи ноҳия.

Шиносоӣ бо дастурамал оид ба таҳияи барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ ва нақшаи тақвимӣ оид ба таҳияи онҳо, ки Вазорати молия пешниҳод кардааст ва расонидани он ба сохторҳои дахлдори ноҳия то 1-феврали соли дар пеш истода.

Иштирок дар муайянкунии ҳаҷми даромадҳои буҷети ноҳия-мӯҳлат то 15-уми март.

Шиносоӣ бо тарзу усули муайянкунии, тарзу усули коркади нишондиҳандаҳои сиёсати фискалӣ, даромади буҷетии ноҳия ва пешниҳоди он ба баррасии комиссияи назди Ҳукумати ноҳия.

Иштирок дар таҳияи дурнамои инкишофи буҷети ноҳия барои солҳои дар пеш истода ва ба идораву ташкилотҳои дахлдори ноҳия расонидани онҳо.

Иштирок дар муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷотҳои буҷетӣ барои солҳои дарпешистодаи банақшагирифташаванда нисбат ба соҳаҳои дахлдор ва ба тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ноҳия расонидани онҳо.

Иштирок дар таҳияи нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузории ноҳия.

Иштирок дар пешниҳоди маълумотҳо барои солҳои дарпешистодаи банақшагирифташаванда оид ба ҳисоби воридоти андозӣ, пардохтҳои ғайриандозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ноҳия, ки аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии дар ноҳия мавқеъ дошта анҷом дода мешавад ва пешниҳоди он маълумотҳо ба раёсати молияи вилоят ва ё Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории байни мақомоти молия ва мақомоти андоз оид ба ҳисоби пешакии даромадҳои дохилӣ нисбати андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ ва имтиёзҳо оид ба онҳо.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории байни макомоти молия ва хадамоти гумруки ноҳия оид ба ҳисобҳои пешакии даромадҳо аз фаъолияти берунаи иқтисодӣ нисбат ба андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ дар алоҳидагӣ ва имтиёзҳо нисбати андозҳои гумрукӣ.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории мақомоти молияи ноҳия ва алоқаи он бо суғуртаи иҷтимоии ноҳия роҷеъ ба нишондиҳандаҳои дурнамои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои солҳои банақшагирифташаванда.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории мақомоти молияи ноҳия ва алоқаи он бо кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ноҳия нисбат ба воридоти

маблағҳо аз хусусигардонии давлатӣ, дивидендҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва воридоти иҷорапулӣ, ба иҷора додани амволи давлатӣ.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории мақомоти молияи ноҳия ва алоқаи он бо Кумитаи давлатии заминсозӣ нисбат ба ҳисоби андози замин барои солҳои банақшагиришаванда дар миқёси ноҳия ва пешниҳоди он ба мақомоти молияи вилоят ва ё Вазорати молияи ҶТ.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории мақомоти молия ва алоқаи он бо Раёсати бозрасии давлатии автомобилии ШКД-и ноҳия оид ба муайян намудани базаи андозбандии андоз аз соҳибони воситаҳои наклиёт.

Шиносоӣ бо Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии манзилию коммуналӣ. Маълумотро оид ба ҳаҷми солонаи хизматрасонии коммуналии истифодашаванда ва арзиши онҳо дар миқёси муассисаю ташкилотҳои буҷетии ноҳия ва масоҳати молу мулки шахсони воқеии ноҳия бо мақсади муайян намудани манбаи андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ барои солҳои банақшагирифташаванда ҷамъоварӣ намуда таҳлил кардан.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳое, ки муносибатҳоро оид ба хароҷотҳои буҷетӣ ба танзим медароранд, гурӯҳбандии буҷетӣ ва дастурамалҳо оид ба онҳо.

2. Банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ оид ба нигоҳдории сектори ҳокимияти давлатӣ ва идораи он.

3. Банақшагирии хароҷотҳои буҷетӣ дар соҳаи маориф ва тарзу усули муайян кардани талабот ба маблағгузорӣ аз тарафи мактабҳо ва пешниҳоди он ба тақсимкунандаи аввал ва мақомоти молия.

4. Банақшагирии хароҷотоҳои буҷетии соҳаи тандурустӣ, шиносоӣ бо тарзу усули муайян кардани ҳаҷми маблағҳои махсус ва талабот ба маблағҳои буҷетӣ аз тарафи бунгоҳҳои тиббӣ.

5. Шиносоӣ бо тарзу усули банақшагирии хароҷотҳои соҳаи фарҳанг ва тарбияи ҷисмонӣ дар ноҳия.

### Таҷрибаомӯзӣ дар шӯъбаи хазинадории мақомоти молияи ноҳия

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти шӯъбаи хазинадориро ба танзим медароранд. Қонун дар бораи молияи ҶТ бо тағйиру иловаҳои соли 2010, дастурамал дар бораи хазинадории ҶТ.

Шиносоӣ бо ҳисобҳои дар хазинадорӣ истифодашаванда, тарзи интиқоли даромадҳои буҷетӣ ба хазинадорӣ, тарзи аз хазинадорӣ гирифтани пули накд ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, шиносоӣ бо тарзу усули пардохти қарзҳои дебиторию кредиторӣ, шиносоӣ бо тарзу усули таҳияи ҳисоботҳо нисбати амалиётҳои хазинадорӣ анҷомдода ва тарзи пешниҳоди он ба раёсати болоии молиявӣ.

Шиносоӣ бо рафти назорати иҷроиши буҷет аз рӯи даромад ва хароҷот.

Шиносоӣ бо низоми гардиши маблағҳои нақдии хазинавӣ.

Тарз ва усули воридоти тағйирот ба сметаи ташкилотҳои буҷетӣ.

Шиносоӣ бо маблағгузории ғайринақдии хароҷотҳо.

Шиносой бо тартиби додани қарз байни буҷетҳо.

Шиносой бо усули таҳияи нақшаи хазинавии хазинадорӣ.

Шиносой бо тартиби маблағгузорӣ бо пули нақд аз хазина.

Шиносой бо ҳуҷҷатҳои меъёрии низоми иттилоотии SGB. NET.

**Таҷрибаомӯзӣ дар шӯъбаи аудити мақомоти молияи шаҳр ва ноҳия**

1. Шиносой бо ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқие, ки фаъолияти шӯъбаро ба низом медарорад.

Фаъолияти молиявӣ дар соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ ба монанди ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ дар алоқа бо сохтори молиявии дар таркиби онҳо ҷойдошта амалӣ мегардад. Хамаи мутахассисони бахши молия дар асоси омӯзиш, таҳлил ва назорати фаъолияти субъектҳои иқтисодиёт идоракунии молиявиро анҷом медиҳанд, ки ифодагари функсияи назорати молиявӣ аст, мақсади асосии назорат бо ёрии таҳлил ва хулосабарорӣ амалӣ мегардад, аз ин лиҳоз бо ёрии назорат камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда шуда, таклифу пешниҳодҳои судманд, ки мақсади болобардории самаранокии низоми молиявии субъектҳои хоҷагидориро дорад, назорат намуда, рушду нумӯи соҳибкориҳо ва дар асоси Қонунҳои амалкунанда фаъолият кардани онҳоро таъмин менамояд. Барои ба низоми муайян андохтани назорати молиявӣ дар ташкилотҳои молиявӣ фаъолияти шӯъба ва миқдори тафтишотҳо ба нақша гирифта мешаванд. Назорати молиявӣ дар иқтисодиёт бо баҳисобгирии хусусиятҳои соҳавию таркибии (инфиродӣ, хурд, азим) соҳибкориҳо амалӣ мегарданд.

Аудит ҳамчун шакли амалинамоии назорати молиявӣ шакли соҳибкории молиявиро дошта, баҳои сифатии онро бо аломати (ААА) ишора мекунанд. Соҳибкории молиявии номбурда аз ҳисоби маблағҳои худӣ барои соҳибкориҳоро аз муфлисшавӣ наҷот додан ба иқтисодиёти онҳо маблағгузориро анҷом медиҳад ва бо ҳамин даромадгирии муайянро таъмин мекунад.

Ҳадафи асосии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар шӯъбаи аудити раёсати молияи ноҳия:

Шиносой бо тарзу усули банақшагирии фаъолияти шӯъбаи аудит.

Шиносой бо амалияи аудит дар соҳибкориҳои саноатӣ.

Шиносой бо амалияи аудит дар соҳибкориҳои хурд.

Шиносой бо амалияи аудит дар хоҷагиҳои деҳқонӣ.

Шиносой бо амалияи аудити дохилисохторӣ.

Шиносой бо амалияи аудит дар сохтмон.

Шиносой бо амалияи аудит дар шӯрои деҳаҳо.

Шиносой бо амалияи аудит дар муассисаҳои томактабӣ.

Шиносой бо амалияи аудит дар соҳаи маорифи ноҳия.

Шиносой бо амалияи аудит дар соҳаи тандурустии ноҳия.

Шиносой бо амалияи аудит дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ.

Шиносой бо амалияи аудит дар шӯъбаи нотариус ва ШКД-и ноҳия.

Таҳлили фаъолияти шӯъбаи аудит ва натиҷагирӣ аз он.

Шиносой бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия.

Шиносӣ бо таркиби намудҳои фаъолияти соҳибкориҳо дар асоси маълумотҳои омории ноҳия.

Шиносӣ бо низоми супорандагони андозҳои давлатӣ ва маҳаллӣ.

Тарз ва усули таҳияи ҳуҷҷатҳо вобаста ба натиҷаи аудит.

**Мавзуи 8. Таҳлили равияи иттилоотӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, технологияи коркарди иттилоот оид ба самти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ**

Усулҳои ҷамъкунии иттилоот аз тарафи объекти таҷрибаомӯзӣ, сарчашмаи он, тарзи коркард ва истифода.

Ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории иттилоот дар объекти таҷрибаомӯзӣ. Истифодаи иттилоот дар самти фаъолияти воҳидҳои сохтории дар воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ. **Мавзуи 9. Таҳлили иттилоот оид ба самти таҳқиқот дар доираи рисолаҳои хатм ва иҷроиши супориши мушаххас**

Ҷамъ намудани иттилооти зарурӣ, маводи оморӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар самти таҳқиқот аз тарафи донишҷӯ вобаста ба мавзуи рисолаи хатм. Ин раванд мустақилона ва инчунин бо супориши мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ ё рисолаи хатм сурат гирифта метавонад (дар замима мавзуъҳои намунавии супориши мушаххас оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ оварда мешавад).

**5. Барасмиятдарорӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ**

5.1. Баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ-таҷрибаомӯз бояд дар муддати 10 рӯз ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба тачрибаомӯзиро ба кафедра супорад. Номгӯи ин ҳуҷҷатҳо дар банди 4-и дастури мазкур оварда шудааст.

5.2. Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ҳуҷҷати асосии ҳисоботӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси он гузаштани таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишҷӯ тасдиқ меёбад.

Дар рӯзнома маълумоти зерин дарҷ карда мешавад:

- нақшаи тақвимии тачрибаомӯзӣ вобаста ба барномаи таҷрибаомӯзӣ (аз тарафи роҳбарони тачрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва Хадамоти гумрук бо имзо тасдиқ карда ва назорат бурда мешавад);
- супориши мушаххаси таҷрибаомӯзӣ;
- мундариҷаи корҳои иҷрошудаи ҳаррӯза ва раванди гузаштани тачрибаомӯзӣ (бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз истеҳсолот дар ҳар як саҳифа);
- тавсифномаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз воҳидҳои сохтории Вазорати молия ва дигар бахшҳои молиявии корхонахои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ,

муассисаҳои молиявию қарзӣ оид ба корҳои баанҷомрасонидаи таҷрибаомӯз ва иҷрои супоришҳои мушахас, интизому муносибат ба кор ва ҷидду ҷаҳди ӯ, инчунин баҳои тавсиявӣ нисбати таҷрибаомӯзӣ;

- хулосаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра доир ба таҷрибаомӯзии донишҷӯ (мувофиқат ба барномаи мазкур, иҷрои супоришҳои мушаххас, мувофиқати мазмуни ҳисобот ба мундариҷа ва талаботи мавҷуда, баҳои тавсиявии роҳбар ба донишҷӯ-таҷрибаомӯз);

- баҳои санҷишӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ (баъди ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ).

5.3. Таҳия ва барасмиятдарории *ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ* аз тарафи донишҷӯ-таҷрибаомӯз марҳалаи интиҳоии он ба ҳисоб меравад.

Дар ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ маълумот оид ба муассиса ва сохтори он, дигар маълумотҳои зарурӣ вобаста ба барномаи мазкур, таҳлили маводи ҷамъшуда, факту рақамҳо ва нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ оварда мешавад.

Ҳисобот дар ҳаҷми на кам аз 25 саҳифаи дастнавис (дар ҳолати чопӣ бо фосилаи 2) пешниҳод карда мешавад. Шакли беҳтари мақбул чопӣ мебошад.

Ҳангоми ба тариқи чопӣ пешниҳод намудани ҳисобот талаботи зерин бояд риоя карда шаванд:

- маводи ҳисобот бо истифода аз таҳриргари Word бо шрифти Times New Roman Tj бо андозаи 14;

- андозаҳо A4 (210 x 297) аз чап – 2,5 см, аз рост – 1,0 см, аз боло ва поён – 2,0 см;

- фосилаи байни сатрҳо (интервал) – 1,5 см;

- иқтибосҳо дар дохили [ 5 ];

- саҳифагузорӣ - дар мобайни саҳифа;

- расмҳо, тасвирҳо, диаграмма ва ҷадвалҳо стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй бошанд.

Варақаи аввали он дар замимаи 3 оварда мешавад.

Сохтор аз сарсухан, қисмҳои мухталифи он, хулосаву пешниҳодот ва замимаҳо ҳисобот иборат аст.

Дар сарсухан маълумоти мухтасар оид ба объекти таҷрибаомӯзӣ, сохтори ташкилӣ ва идоракунии он, таърихи пайдоиш оварда мешавад, ки дар барномаи мазкур қайд карда шудааст. Инчунин, вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ қайд карда мешаванд.

Қисмҳои алоҳидаи ҳисобот ба ҳалли масъалаҳо, супоришҳои мушаххас ва вазифаҳои гузошташуда вобаста мебошад.

Қисматҳои тавсиявии ҳисобот:

а) вазифаҳои объекти таҷрибаомӯзӣ ва шуъбаҳои он, ки донишҷӯ дар онҳо таҷрибаомӯзӣ гузаштааст. Тартиби ташкили раванди кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ. Агар донишҷӯ дар якчанд шуъбаҳо таҷрибаомӯзӣ гузашта бошад, ин масоил дар зерқисматҳо дарҷ карда мешавад.

б) амалиёти асосӣ, дастурҳо ва меъёрҳо оид ба ташкили раванди кор, тарзу усули иҷрои вазифаҳо ва амалиёт. Таҳлили ҳисоботи объекти таҷрибаомӯзӣ.

в) таҳлили вазъи умумии объекти таҷрибаомӯзӣ ё самти фаъолияти он аз рӯи супоришҳои мушаххас ва масъалаҳои дар барномаи мазкур дарҷгардида. Таҳлили факту рақамҳо оид ба вазъи умумии соҳаи фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ. Ҳисобот оид ба ҷамъи мавод аз объекти таҷрибаомӯзӣ ва иҷроиши супориши мушаххас.

Дар қисми хотимавии ҳисобот донишҷӯ-таҷрибаомӯз дар асоси таҳлилоти гузаронидааш оид ба самти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ хулосаҳои заруриро оид ба беҳбудии коргузорӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ ва ё инкишофи соҳа пешниҳод менамояд.

Дар замима нақшаҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳо, намунаҳои ҳуҷҷатҳои дар объекти таҷрибаомӯзӣ истифодашаванда, санадҳои меъёрӣ ва ғайра оварда мешаванд.

Ҳангоми дар қисмҳои кор дарҷ гардидани ҷадвалҳои оморӣ онҳо пайиҳам бояд рақамгузорӣ карда шаванд (Масалан: Ҷадвали 2.3 – яъне ҷадвали 3-юми боби 2-и ҳисобот аст).

Замимаҳо аз давоми хулосаву пешниҳодот оварда шуда, саҳифаҳояш рақамгузорӣ карда намешаванд. Дар кунҷи рости болоии ҳуҷҷатҳои замимавӣ «Замима» навишта шуда, бо рақами арабӣ ишора карда мешавад (масалан: Замимаи 4).

5.4. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра баъди ба қайд гирифтан ҳисоботро аз нуқтаи назари мувофиқат намудан ба талаботи мавҷуда ва дурустии пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ санҷида дар рӯзнома хулосаи худро менависад ва баҳои тавсиявии донишҷӯро пешниҳод менамояд. Сипас дар варақаи аввали ҳисобот ***ба ҳимоя иҷозат дода шуда***ни ҳисоботро дарҷ намуда, имзо ва санаро мегузорад. Дар ҳолати дорои камбудӣ будани ҳисобот ё рӯзнома онро ***барои ислоҳ*** ба донишҷӯ бармегардонад.

Мудири кафедра бо тасдиқи садорати факултет ҷадвали ҳимояи ҳисоботро тартиб дода (дар се давр), ҳайати комиссияи қабули ҳимояи ҳисоботро таъйин менамояд. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра дар ин ҳайат буда метавонад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ рӯзи ҳимояи донишҷӯ-таҷрибаомӯз иштирок карда метавонад.

Донишҷӯ дар муддати 10-12 дақиқа оид ба иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ ва хусусияти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ баромад намуда, аз нуқтаи назари алоқамандии назария бо амалия фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро шарҳ медиҳад. Ӯ метавонад натиҷаҳои ҳангоми таҷрибаомӯзӣ бадастовардаро дар слайдҳо дарҷ намуда, ба комиссия пешкаш намояд. Инчунин, корҳои дар вақти таҷрибаомӯзӣ ба иҷро расонидаашро шарҳ дода, хулосаву пешниҳодоти худро ирсол менамояд.

Ҳайати комиссия дар асоси Низомномаи низоми таҳсилоти кредитӣ фаъолият намуда, аз рӯи натиҷаи ҳимоя ба донишҷӯ баҳогузорӣ менамояд. Баҳо дар суратҷаласаи ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, варақаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи донишҷӯ гузошта мешавад ва ҳамаи ҳайати комиссия имзои худро мегузоранд. Нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ чунинанд: баромади донишҷӯ дар вақти ҳимоя, баҳоҳои тавсиявии роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, пуррагии шарҳи маводи овардашуда, ҷавоб ба саволҳо.

**Нишондиҳандаҳои ҳарфӣ ва рақамии баҳои имтиҳонӣ дар низоми кредитии таҳсилот чунин аст:**

| Баҳои ҳарфӣ | Баҳои рақамӣ | Баҳо бо хол | Тартиби баҳогузорӣ дар системаи анъанавӣ |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le F \le 100$ | Аъло |
| A- | 3,67 | $90 \le F < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le F < 90$ | Хуб |
| B | 3,0 | $80 \le F < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le F < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le F < 75$ | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | $65 \le F < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le F < 65$ | |
| D | 1,33 | $55 \le F < 60$ | |
| D- | 1,0 | $50 \le F < 55$ | |

Агар донишҷӯ дар вақти муайяншуда ҳисоботро ба кафедра насупорад, баҳои ӯ як хол паст карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зерин донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ мешавад:

- ба кафедра бе сабабҳои узрнок дар мӯҳлатҳои муайяншуда насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ё ҳимоя накардани он;

- ба пуррагӣ иҷро накардани барномаи таҷрибаомӯзӣ;

- гирифтани тақризӣ манфӣ аз роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ;

- нарафтан ба объекти таҷрибаомӯзӣ ва пешниҳоди ҳисоботи қалбакӣ (аз тарафи кафедра санҷида мешавад);

- гирифтани баҳои 2 «ғайриқаноатбахш» баъди ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ (давраи дуюм бояд азпардохти маблағи триместр).

**Замимаи 1.**

СУПОРИШОТИ МУШАХХАС ДАР МУҲЛАТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

1. Супоришоти мушаххас барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
__________________________________________

2.Мундариҷаи супоришоти мушаххас ______________________________

______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________

Имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ____________ ________

**Замимаи 2 (Намуна)**

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ
КАФЕДРАИ МОЛИЯ

# Ҳ И С О Б О Т

оид ба таҷрибаомӯзии ______________________________
(таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ)

дар ______________________________
(номи муассиса)

Иҷро кард: донишҷӯи курси 4 – уми
ихтисоси 1-25010400 – молия «А»
Ахмедов Х.А.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра, ________ ________________
(имзо) (ному насаб)

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса, ________ ________________
(имзо) (ному насаб)

Ба кафедра супорида шуд: ____________________ № ___
сана ва имзои шахси мутасаддӣ)

Баҳои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ бо қарори комиссия ______________

________________
(имзои ҳайати комиссия)
________________
________________
________________

**Душанбе-2022**

**Замимаи 3.**

# ФЕҲРЕСТИ ПАЙГОҲҲОИ (ОБЪЕКТ) ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

| № | НОМГӮЙИ ПАЙГОҲҲОЕ, КИ ДОНИШГОҲ ШАРТНОМАҲОИ ҲАМКОРИРО БА ИМЗО РАСОНИДААСТ | МӮҲЛАТИ ШАРТНОМАҲОИИ ҲАМКОРӢ | |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «ТОҶИКТРАНСГАЗ» | 31.12.2021 | 31.12.2026 |
| 2 | БДА «АМОНАТБОНК» | 05.01.2021 | 31.12.2026 |
| 3 | ХАДАМОТИ ГУМРУКИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 26.12.2021 | 31.12.2026 |
| 4 | СУДИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 02.01.2021 | 31.12.2026 |
| 5 | ҶДММ ТАКХ «МАТИН» | 15.09.2018 | 31.12.2022 |
| 6 | ҶДММ «НОҚИЛИ ТАЛКО» | 13.11.2017 | 31.12.2022 |
| 7 | ҶДММ «БИРЖАИ ФОНДИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ» | 12.03.2018 | 31.12.2022 |
| 8 | АГЕНТИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 12.03.2019 | 31.12.2023 |
| 9 | ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» | 23.05.2018 | 31.12.2023 |
| 10 | ҶСП ТАҚХ «ХУМО» | 12.06.2018 | 31.12.2023 |
| 11 | ҶСК «ОРИЁНБОНК» | 02.04.2018 | 31.12.2023 |
| 12 | ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 29.03.2018 | 31.12.2023 |
| 13 | ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 31.10.2018 | 31.12.2023 |
| 14 | ҶДММ «ШМС КАБИР ТИҶОРАТ ГУРРУҲ» | 12.12.2018 | 31.12.2023 |
| 15 | ҶСК «ГУЛИСТОНИ ДУШАНБЕ» | 30.12.2019 | 31.12.2023 |
| 16 | ҶДММ ТҚХ «ОКСУС» | 13.02.2019 | 31.12.2023 |
| 17 | ҶСП «СПИТАМЕНБОНК» | 14.02.2019 | 31.12.2023 |
| 18 | ФИЛИАЛИ ҶСК «ОРИЁНБОНК» ДАР ШАҲРАКИ СОМОНИЁНИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ | 01..01.2019 | 31.01.2023 |
| 19 | КОЛЛЕҶИ ТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М. ОСИМӢ | 02.02.2018 | 20.07.2023 |
| 20 | КОЛЛЕҶИ ОМОРИ ШАҲРИ ВАҲДАТ | 22.05.2019 | 22.05.2024 |
| 21 | КВД «ШИРКАТИ АЛЮМИНИЙИ ТОҶИК» | 01.01.2019 | 31.12.2024 |
| 22 | АССОТСИЯТСИЯИ МЕНЕҶЕРОН | 05.06.2018 | 31.12.2024 |
| 23 | ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗИИ АМИКҶТ | 31.12.2019 | 31.12.2024 |
| 24 | «ФОНДИ ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ» | 12.11.2020 | 31.12.2025 |
| 25 | КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 09.02.2021 | 31.12.2025 |
| 26 | АГЕНТИИ СОДИРОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 04.02.2021 | 31.12.2025 |
| 27 | ҶСК «ТАВҲИДБОНК» | 11.02.2021 | 31.12.2025 |
| 28 | ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 01.10.2012 | 01.10.2042 |
| 29 | ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 30 | ҶСК «АЛИФ БОНК» | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 31 | КВД БОНКИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН "САНОАТСОДИРОТБОНК" | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 32 | ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 33 | ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 34 | ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 35 | ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 36 | ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 37 | КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 38 | ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 39 | ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 40 | АГЕНТИИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 41 | АГЕНТИИ ЗАХИРАҲОИ МОДДИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 42 | АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 43 | АГЕНТИИ ХАРИДИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 44 | АГЕНТИИ ХОҶАГИИ ҶАНГАЛИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 45 | КУМИТАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 46 | МАРКАЗИ ТАТҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 47 | АГЕНТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 48 | КУМИТАИ РУШДИ МАҲАЛИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 49 | АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 50 | АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 51 | АГЕНТИИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 52 | АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 53 | ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 54 | МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 55 | ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 06.02.2014 | БЕМӮҲЛАТ |
| 56 | ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 25.01.2016 | БЕМӮҲЛАТ |
| 57 | ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 26.12.2012 | БЕМӮҲЛАТ |
| 58 | КВД «ТОҶИКСУҒУРТА» | 16.12.2010 | БЕМӮҲЛАТ |
| 59 | КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 30.10.2012 | БЕМӮҲЛАТ |
| 60 | ТАШКИЛОТИ ҲУҚУҚ ВА РУШДИ ҶОМЕЬАИ ДЕҲОТИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 13.10.2018 | БЕМӮҲЛАТ |

Эзоҳ: донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон метавонанд дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ, ки байни вазоратҳо, корхонаву ташкилотҳо ва донишгоҳ баста шудааст, зерсохторҳо ва намояндагон онҳоро дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо ҳамчун пойгоҳи (объект) таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ интихоб намоянд. Дар ҳолати қабул нагардидани донишҷӯён аз тарафи намояндагони пойгоҳҳои (объект) таҷрибаомӯзӣ, бевосиба ба бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти донишгоҳ муроҷиат намоянд.

Сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди
касбияти донишгоҳ Шухрат Сулаймонзода
Тел: +992 940 63 63 63
+992 915 30 66 66 (Ватсап, ИМО, Вайбер, Телеграм)
Суроғи электронӣ: Sulaymonzoda_sh@mail.ru